# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ номзади илмҳои биологӣ Шамсудинов Шабон Наҷмудинович дотсенти кафедраи биохимия ва генетикаи факултети биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба диссертатсияи Муродова Моҳира Ҳусеновна дар мавзӯъи «Баҳодиҳии маҳсулнокии гӯсфандон аз рӯйи нишондиҳандаҳои биохимиявии хун», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯй ихтисоси 03.01.04- биохимия пешниҳод шудааст.

**Мубрамияти мавзӯъ** аз баромади коршиносони Созмони Миллали Мутаҳҳид маълум гардид то соли 2020 аҳолии курраи Замин босуръат зиёд гардида 7,84 млрд - ро ташкил медиҳад. Дар баробари афзоиши аҳолии курраи Ҷаҳон таъсири он ба муҳити атроф зиёд гардида, сабаби тағйирёбии иқлими курраи замин гардид. Афзоиши аҳолӣ тамоми ҷараёнҳои ҳаётиро фаро гирифта сабаби зиёдшавии истеъмол, васеъшавии шаҳрҳо, олудашавии муҳит, тағйирёбии тарзи ҳаёти, пастшавии сатҳи зиндагӣ, васеъшавии шаҳрҳо ва ғайра гардид. Бо мурури зиёдшавии аҳолӣ ва гармшавии иқлими сайёраи замин боиси хушксолӣ гардида, яке аз омилҳои муҳимтарини гуруснагӣ дар курраи Замин гардид. Ба ақидаи коршиносони ин созмони бонуфуз дар соли 2020 дар заминаи ҷаҳонро фаро гирифтани пандемияи КОВИД - 19 ва хушксолӣ сатҳи гуруснагӣ зиёд гардида, зиёда аз 690 млн одамон азият мекашанд.

То солҳои 1990 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки як қисмати Иттиҳоди Шӯравиро ташил мекард, аксарияти корхонаҳои саноатӣ фаъолият карда сатҳи зиндагии мардум дар дараҷаи хуб қарор дошт. Бо мурури вайроншавии Иттиҳоди Шӯравӣ ва кандашавии риштаҳои иқтисодӣ дар ин замина Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро гирифтани ҷанги шаҳрванди аксарияти корхонаҳои саноатӣ тала ва тороҷ гардида аз фаъолият боз монданд. Бо мурури барқарор шудани сулҳ ва пойдор гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи дилхоҳ барои тараққиёти ҷаъмият пайдо гардид.

Чӣ хеле, ки сарвари Давлат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромади охирини худ қайд намуд ҳадафи

чоруми Ҷумҳури ин саноатикунии ҷумҳурӣ мебошад. Бинобар ин дар назди олимон мақсад гузошта шуд, ки ҳар чӣ бештар аз манбаҳои нав ва ашёи хоми ватани истифода бурда саноатикунии ҷумҳуриро тезонанд. Яке аз масъалаҳои муҳимтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маҳсулоти гӯштӣ ва ашёи хом барои саноати бофандагӣ ба ҳисоб меравад. Барои ба ин мақсад расидан олимони соҳаи генетика аз таҷрибаи бойи селексияи халқӣ истифода мебаранд.

Аҷдодони мо дар давоми ҳазорҳо сол кӯшиш намуданд, ки ҳар чӣ бештар барои қонеъ гардонидани талаботи иқтисодии худ навҳои нави растанӣ ва зотҳои нави чорворо ҳосил намоянд. Манбаи ҳама гуна намуд зотофари намудҳои пештараи маҳали ба ҳисоб меравнад. Барои нигоҳ доштани навъҳо ва зотҳое, ки одамон бе ягон нақшаи муайян офаридан ҳамаи онҳоро олимон фондӣ тиллои ҳисобида барои наслҳои оянда дар ҷойҳои махсус нигоҳ дошта муҳофизат карда мешаванд. Дар солҳои пеш селексионерҳои тоҷик дар асоси таҷрибаҳои зиёди худ зотҳои зиёди ҳайвонҳои хоҷагии қишлоқро офариданд, ки аз ҷиҳати маҳсулноки бениҳоят фоидаовар мебошанд. Яке аз ин гуна муваффақиятҳо офаридани зоти гӯсфандони сергӯшт, серпашм ва серравғани тоҷикӣ дар давоми солҳои 1947 - 1963 таҳти роҳбарии шодравон академик Алиев Ғулом Алиевич ва дигарон дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки ҳамчун комёбии бузурги селексионӣ дар соҳаи чорводории кишвар ба ҳисоб меравад. Барои офаридани ин зот муаллифон усули ҷуфтикунии мураккабро истифода намуда, аввал бо мешҳои ҳисорӣ қучқорҳои зоти сароҷӣ, сипас зоти линколниро гибрид намудаанд. Наслҳои бадастомада дар худ хусусиятҳои гӯшту равғаннокии зоти ҳисорӣ, серпашмии зоти сароҷи ва ҷиллонокии пашми зоти линколни таҷассум намуданд. Гӯсфандон сифатҳои хуби маҳсулнокии гӯшту равған, пашми дарозу сафеди нимдурушт дошта, ба шароити чарогоҳию айлоқии нигоҳубин хеле мутобиқ мебошанд.

Гӯсфандони зоти тоҷикӣ аз рӯйи аломатҳои танаву туш ва зудрасии худ шабеҳи гӯсфандони ҳисорианд: вазни зиндаи мешҳои калонсол 60 -70кг, қучқорҳои наслдеҳ 100 - 110кг, беҳтарини онҳо то 150 кг- ро ташкил медиҳанд. Аз ин нигоҳ мавзӯъи интихобкардаи Муродова М.Ҳ.

«Баҳодиҳии маҳсулнокии гӯсфандон аз рӯйи нишондиҳандаҳои биохимиявии хун» хело муҳим буда, имконият медиҳад, ки олимон бо истифода аз пешниҳодҳои илмии муаллифи диссертатсия фаъолияти кории худро хубтар созанд. Аз нигоҳи диссертант яке аз мушкилиҳои рӯзмарра дар илми ҳозираи чорводорӣ ин то ҳол номукаммал будани усулҳои баҳодиҳии ҳолати функсионалии организими ҳайвонот дар давраи инкишофи онтогенетикӣ, яъне пешгӯйӣ намудани маҳсулнокииояндаи чорво ва пурра мутобиқат кардан ё накардани он ба меъёрҳои талаботии зот мебошад.

Бо мақсади беҳтар намудани аломатҳои фоидаовари хоҷагӣ истифода бурдани селексияи анъанавӣ, на ҳама вақт натиҷаи дилхоҳ медиҳад. Дар замони муосир яке аз омилҳои муҳим, ин коркард ва ҷорӣ намудани тестҳои самаранок дар асоси дастовардҳои илми биология мебошад. Дастовардҳои биология имкон медиҳад, ки маҳсулнокииояндаи чорво пешгӯйӣ ва ҳатто идорашаванда гардонида шавад. Аз ҳамин сабаб, дар шароити ҳозира натиҷаҳои дақиқ оид ба ташаккулёбии омилҳои физиологию биохимиявӣ дар самти омӯзиши хун ва алоқамандии он бо маҳсулнокии чорво нақши ҳалкунанда мебозанд.

Барои асоснок кардани таҷрибаҳои худ Муродова М.Ҳ гӯсфандони зоти тоҷикиро интихоб намудааст, ки пашми нимдурушти сафеди қолинбоб доранд. Пашми зоти ин гӯсфандон аз рӯйй таркиби морфологӣ, ҷилонокӣ ва қавигии наххо дар саноати қолинбофӣ барои истеҳсоли рӯйпӯшҳои патдор, моҳути ғафси патдор ва дигар матоъҳои пашмин ба таври васеъ истифода бурда мешавад.

Натиҷаҳои тестҳои биохимиявӣ аз рӯйи элементҳои зардоби хуни гӯсфандони зоти тоҷикӣ нишон медиҳанд, ки барои афзудани вазни зинда дар генотипи ин гӯсфандон имкониятҳои калон мавҷуд мебошад. Истифода намудани қучқорҳои ин зот ба сифати хушзоткунандаи дигар зотҳо ба тариқи васеъ натиҷаи хуб медиҳад.

Барои муайян намудани мубодилаи босуръати моддаҳо дар организм хун нақши асосиро иҷро менамояд. Дар гӯсфандон мубодилаи моддаҳо асоси маҳсулнокии гӯшт ва пашм мебошад. Ташхиси ҷанбаҳои алоҳидаи

таркиби зардоби хун дар раванди метоболизми организм имкон медиҳад, ки маҳсулнокии ояндаи чорворо пешгӯйӣ намоем.

Диссертатсия аз муқаддима 3 боб, хулоса, рӯйхати адабиётҳо (121 сарчашма, аз ҷумла 33 адабиёт бо забони хориҷӣ) рӯйхати мақолаҳои чопшудаи муаллиф иборат мебошад. Қисми матни диссертатсия аз 116 саҳифаи матни компютерӣ, аз муқаддима, шарҳи адабиётҳо, мавод ва усулҳои таҳқиқот, натиҷаҳои таҳқиқот, хулоса ва пешниҳодҳо иборат буда, фарогири 4 расм ва 24 ҷадвал мебошад.

Дар муқаддима муаллиф аз доираи анъана берун нарафта, дар бораи гузориши масъала, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, номбурди сарчашмаҳои илмӣ ва назарӣ, аҳамияти илмӣ ва назарии рисола, усулҳои таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳод гардида, аҳамияти амалӣ ва сохтори рисола маълумоти мушаххас доданро лозим донистааст. Боби 1-ум шарҳи адабиётҳо буда аз рӯйи мавзӯи муҳокимагардида аз 5-зербоб, иборат мебошад. Дар боби 2 мавод ва усулҳои таҳқиқот таснифи умумии таҷрибаҳо, усулҳои истифода гардида, микдори ҳайвонҳои дар таҷрибаҳо истифода намударо дарҷ гардонидааст. Дар ин боб инчунин усулҳои таҳлили гемотологӣ, биохимиявӣ, физиологӣ оварда шудааст. Боби 3-юми рисола натиҷаҳои таҳқиқоти худи унвонҷӯй буда аз 8-зербоб иборат мебошад.

Хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ аз натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронида шуда тартиб дода шуда бо мақсади гузошта шуда ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда моҳияти калони илмӣ ва амалӣ доранд. Мақолаҳои чоп гардида моҳияти асосии рисолаи номзадиро фаро гирифтаанд.

Дар баробари мувафақиятҳо дар рисолаи номзади як қатор эродҳо ва камбудиҳо ҷой доранд.

**Эроди 1.** Боби дуюм, ки оиди мавод ва усулҳои омӯзиш мебошад таҳрирталаб мебошад.

**Эроди 2.** Оиди усулҳои иммунологӣ дар боби 2 тамоман маълумот нест.

**Эроди 3.** Дар рисола адабиётҳои илмии 5-соли охир тамоман вонамехӯрад.

**Эроди 4.** Дар рисола хатогиҳои зиёди граматикӣ ва имлоӣ вомехӯрад.

**Эроди 5.** Хулосаҳо калон буда мазмунан таҳрир талаб мебошанд.

Эродҳои номбаркардашуда арзиши ин рисоларо кам накарда ба сифат ва арзиши рисола таъсири манфӣ намерасонанд.

**Мувофиқати диссератсия ба талаботи пешниҳодшуда ва қоидаҳои дарёфти дараҷаи илмӣ аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Аз рӯйи муҳимияти худ, мавзӯъ, мақсад, вазифа, таркиб ва ҳаҷми таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ натиҷаҳои диссертатсияи Муродова Моҳира Ҳусеновна мувофиқи талаботи банди 30-юми фасли 3-юми Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯроҳои диссертатсионӣ доир ба «Пешниҳод ва ҳимояи диссертатсияҳо» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016 таҳти №505) ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои ҳимоя бо мақсади дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ, аз рӯйи ихтисоси 03.01.04-биохимия сазовор аст.

Номзади илмҳои биологӣ, дотсенти
кафедраи биохимия ва генетикаи
факултети биологияи Донишгоҳи
Давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи С.Айнӣ Шамсудинов Ш.Н.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003,
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 121
Тел.: (+992 37) 224 16 82; 224 13 83; 224 12 30.
E- mail: www.tgpu.tj, Mexruboni@mail.ru

Имзои Ш.Н. Шамсудиновро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Назаров Д.